# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «02» 02 соли 2018 №355 ш. Душанбе

Дар бораи амалӣ намудани қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2018, №02/50 «Оид ба тасдиқи «Номгӯи мавзӯъҳои эссе барои довталабони соли таҳсили 2018-2019»

Бо мақсади амалӣ намудани қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2018, №02/50 «Оид ба тасдиқи «Номгӯи мавзӯъҳои эссе барои довталабони соли таҳсили 2018-2019», мутобиқи банди 13 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145) ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2018, №02/50 «Оид ба тасдиқи «Номгӯи мавзӯъҳои эссе барои довталабони соли таҳсили 2018-2019» мавриди амал қарор дода шавад (Замима мегардад).

2. Раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ (Қ.Муҳиддинов) ва раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ф.Ҳайдаров) иҷрои фармоиши мазкурро таъмин намоянд.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовинони вазир Л.Назирӣ ва Б.Одиназода гузошта шавад.

Вазир Нуриддин Саид

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Муовини вазир
Муовини вазир
Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котибот

**ҚАРОРИ МУШОВАРАИ**
**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**аз «16» «01» соли 2018 №02/50 ш. Душанбе**

Оид ба тасдиқи “Номгӯи мавзӯъҳои эссе барои довталабони соли таҳсили 2018-2019”

Ҷаласаи мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориши раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломиро оид ба тасдиқи “Номгӯи мавзӯъҳои эссе барои довталабони соли таҳсили 2018-2019” баррасӣ намуда,

қ а р о р   м е к у н а д:

1. Гузориши раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ оид ба тасдиқи “Номгӯи мавзӯъҳои эссе барои довталабони соли таҳсили 2018-2019” ба инобат гирифта шавад (замима мегардад).
2. Номгӯи мавзӯъҳои эссе барои довталабони соли таҳсили 2018-2019 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
3. Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули эсседро аз довталабони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар асоси “Номгӯи мавзӯъҳои эссе барои довталабони соли таҳсили 2018-2019” ба роҳ монад.
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовинони вазир Л.Назирӣ ва Б.Одиназода гузошта шавад.

Раиси ҷаласаи мушовара,
муовини якуми вазир Р. Мирбобоев

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС